**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021310-Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ)**

Автореферати номзадии Давлатзода Муслим Сайбурҳон оид ба баррасӣ намудани аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ дар забоншиносии муқоисавӣ қарор гирифтааст.

Дар натиҷаи ин, автореферати Давлатзода М.С. ҷиҳати мушаххас намудани мавқеи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси сарчашмаҳои забонӣ мавриди пажуҳиши илмӣ асоснок гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** ба он равона гардидааст, ки муҳаққиқ ба рушди масъалаи таҳлили аломатҳои китобатӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дода, сохт ва мавқеи аломатҳои китобатиро дар забоншиносии муқоисавӣ аз рӯйи нуктаи назария ва амалия пажуҳиши илмӣ намудааст.

Автореферати диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ном гирифта, барои таҳқиқи минбаъдаи рушди илми забоншиносӣ зарурият дошта, ҷиҳати рушди илми забоншиносӣ дар баробари дигар масъалаҳо таърихи ташаккули забонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, Аз ин ҷиҳат, аломатҳои китобат ҳамчун воситаи ташкили маъно ва сохтори матн на танҳо хусусияти техникӣ, балки аҳаммияти назариявӣ ва амалии забонӣ доранд.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои автореферат, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, объект ва манбаъҳои таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд. Аз ин рӯ, хусусиятҳои истифодаи аломатҳои китобат бо сохтори

грамматикӣ, хусусиятҳои синтаксисӣ ва меъёрҳои услубии забон алоқаманд мебошад. Корбурди дурусти аломатҳои китобат имкон медиҳад, ки сохтори ҷумла, муносибатҳои байни аъзои ҷумла ва қисмҳои матн, инчунин мақсади коммуникативии муаллиф дақиқ ифода карда шавад. Аз ин рӯ, аломатҳои китобат яке аз воситаҳои асосии танзими маъно ва сохтори нутқи хаттӣ маҳсуб мешаванд.

Боби якуми автореферат "Заминаҳои назариявии хусусиятҳои аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" унвон дошта, дар он аз бобати омӯзиши маъноҳои аломатҳои пунктуатсионии китобатӣ аз рӯи хусусияти истилоҳоти китобатӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сухан рафтааст ва он аз 4 зербоб иборат мебошад. Ҳар боби автореферат дар хусуси ташаккули аломатҳои китобатӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар давраи бостон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми автореферат бошад дар хусуси "Вазифаҳои сохторию маъноии аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ба таҳқиқи хусусиятҳо ва гурӯҳбандии аломатҳои китобатии забоншиносии тоҷик ва англис бахшида шуда, фарогири 3 зербоб мебошад. Дар ин боб таҳлилу таҳқиқ дар марҳилаҳои дар он вазифаҳои сохторию грамматикӣ ё наҳвии аломатҳои китобат мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Вазифаҳои сохторию дастурӣ ё наҳвии аломатҳои китобат амалан хеле шинохтатар аз вазифаҳои дигари он буда, бахусус, дар нутқи хаттӣ мавқеи бориз дорад, зеро дар китобатиимрӯзаи ҳамаи забонҳои олам, бахусус забони тоҷикӣ ва англисӣ, ҷобаҷогузории дурусти аломатҳои китобат шарти муҳим барои то андозае фаҳму дарки саҳеҳи нутқи хаттӣ ба ҳисоб меояд, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми автореферат доир ба "Аломатҳои китобат дар забони англисӣ ва умумияту тафовути корбурди онҳо дар забони тоҷикӣ" барасӣ шуда, он аз 3 зербоб иборат аст. Боби мазкур ба таҳқиқи принсипҳои бартаридоштаи пунктуатсионии китобатӣ дар забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст. Мавриди зикр аст, ки таҳлили аломатҳои китобат, ки сохтори дохилии ҷумларо ташкил мекунанд, тафовути

амиқи байнизабонҳои англисӣ ва тоҷикро нисбат ба аломатҳои охири ҷумла ошкор мекунад. Ин тафовутҳо, пеш аз ҳама, ба тафовут дар принсипҳои бартаридоштаи пунктуатсия вобаста буда, аз тарҷумон на танҳо иваз кардани аломатҳо, балки коркарди амиқи сохтори наҳвӣ ва семантикиро барои ба таври кофӣ интиқол додани сарбории функсионалӣ-семантикӣ талаб мекунанд.

Дар хулосаи кор оид ба натиҷаҳои автореферети диссертатсияи мазкур маълумот ироа гардидааст.

Дар автореферати мазкур дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Дар рафти таҳлили зербобҳои боби аввали автореферат, аз назари муаллифони гуногун мисолҳои зиёд оварда шудаанд (*саҳ. 18,19, 22*), ки дар диссертатсия дигар китобу дастурҳо низ ҳастанд ва ҳеҷ зарурате дар автореферат овардани онҳо нест;
2. Ҳангоми таҳқиқ муҳаққиқ фикру андешаҳои назрии пажуҳишгарони соҳаи забоншиносонро баён намуда, аз чи сабаб бошад мулоҳизаҳои назарии таҳқиқоти худро кам баён намудааст;
3. Муаллиф ҳангоми навиштани автореферат ба баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва китобатӣ роҳ додаст.

Аммо, норасоиҳои мазкур ба илмияти автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Зеро он мақсаду вазифаҳоеро, ки муаллиф дар доираи объект ва предмети таҳқиқот дар назди худ гузоштааст, пурра иҷро гардидаанд.

Дар умум, эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, мазмуни асосии авторефератро намекоҳонанд. Дастовардҳои илмӣ дар автореферати мазкур арзишманду назаррасанд ва диссертант ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Аз ҷумла, мундариҷа, муқаддима ва бандҳои алоҳидаи он, тавсифи умумии

таҳқиқот, бобҳо ва фаслҳо, хулоса, номгӯйи адабиёти истифодашуда бо риояи талаботи муқарраршуда, таҳия шудаанд.

Ҳамин тариқ, автореферати Давлатзода Муслим Сайбурҳон таҳти унвони "Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуъ ва муҳтавои автореферат ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат менамояд.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаҳои
байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Алиев Султон Маҳмадшарифович

**Суроға:** шаҳри
Душанбе, н. Фирдавсӣ кучаи
Мушфиқи 77/1. хонаи 4.
**Тел:** (992) 934444130

Имзои С.М. Алиевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

**Маълумот дар бораи иртибот:**
734055, ш. Душанбе, х.Борбад, 48/5
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
Тел: +992(37) 234-88-02;
Факс: +992(37) 234-88-24, www.iutet.tj

"22" 03 2026